# «РӮЗИ ДОНИШ – ОҒОЗИ РОҲИ МАЪРИФАТ»

1 сентябри соли 2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ бахшида ба Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ таҳти унвони «Рӯзи дониш – оғози роҳи маърифат» конференсияи илмӣ-назариявӣ баргузор гардид. Конференсияро директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, номзади илмҳои техникӣ Ниёзӣ Сироҷиддин ифтитоҳ намуда, ҳозиринро ба муносибати оғози соли нави таҳсил, Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ табрик гуфт. Мавсуф зимни суханронӣ ба нуктаҳои меҳварии суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 31 августи соли 2026 ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ ироа гардид, таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Аз ҷумла, таъкид гардид, ки Сарвари давлат мақому манзалати илму дониш ва нақши маорифро дар таъмини ояндаи давлату миллат хеле баланд арзёбӣ намуда, иброз доштанд: «Миллати мо ҳанӯз аз аҳди бостон илм, маърифат ва китобро чароғи зиндагӣ, асоси давлатдорӣ ва сарчашмаи пешрафти ҷомеа медонист». Зимни шарҳи ин нуктаи муҳим таъкид намуд, ки дар шароити ҷаҳони муосир Рӯзи дониш танҳо оғози соли нави таҳсил набуда, балки рамзи арҷгузорӣ ба илм, маърифат, омӯзгор ва фарҳанги донишандӯзии миллати тоҷик мебошад. Дар бахши маърузаҳои илмӣ Амонов Салоҳиддин, номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи коркард, татбиқи технологияи инноватсионӣ ва таҳсилоти фосилавии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, дар мавзуи «Маориф дар меҳвари рушди миллӣ: дастовардҳо, мушкилот ва вазифаҳои марҳалаи нав» маъруза намуд. Зимни маъруза дастовардҳои соҳаи маориф, масъалаҳои мавҷуда, зарурати татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва вазифаҳои афзалиятноки марҳалаи нави рушди таҳсилот мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Ҳамчунин, Бобоева Маҳина, номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бозигарӣ ва таҳкими стандарт, бо маъруза баромад намуда, масъалаҳои рушди таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ, такмили сифати таълиму тарбия, мазмуну муҳтавои таҳсилот ва татбиқи талаботи стандартҳои муосирро мавриди баррасӣ қарор дод. Рушди таҳсилоти томактабӣ дар ҷараёни конференсия ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатии маориф мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифт. Дар ин замина таъкиди Пешвои миллат ёдоварӣ гардид, ки «таълиму тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ зинаи муҳимтарин барои ояндаи онҳо ба шумор меравад». Дар анҷоми конференсия миёни иштирокчиён доир ба масъалаҳои матраҳшуда мубодилаи афкор сурат гирифта, таъкид гардид, ки татбиқи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, тақвияти корҳои илмиву таҳқиқотӣ, таҳияи технологияҳои инноватсионии таълим ва пайванди натиҷаҳои илмӣ бо амалияи педагогӣ аз вазифаҳои муҳимми аҳли илм ва маориф ба ҳисоб меравад. Конференсияи «Рӯзи дониш – оғози роҳи маърифат» бори дигар собит намуд, ки арҷгузорӣ ба илму дониш, рушди тафаккури илмӣ ва тарбияи насли соҳибмаърифат заминаи устувори пешрафти ҷомеа ва ояндаи давлат мебошад.




«РӮЗИ ДОНИШ –
ОҒОЗИ РОҲИ МАЪРИФАТ»







